ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.ф. дотсент
__________Назар М.А.
«29» октябри с.2020

**ХУЛОСАИ**
**Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи “Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – масоили сиёсии муносибатҳои байналмиллалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар раванди омода намудани диссертатсия Шеров Шодиҷон Салуматшоевич аспиранти шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Айни замон ӯ ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Шеров Шодиҷон Салуматшоевич соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси менеҷменти сиёсӣ хатм намудааст.

Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар давраи аспирант буданаш имтиҳонҳои номзадиро бо муваффақият супоридааст. Имтиҳони номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 20 июли соли 2018 бо баҳои аъло, аз фанни забони русӣ, санаи 11 июни соли 2018 бо баҳои хуб, аз фанни забони англисӣ санаи 26 ноябри соли 2019 бо баҳои хуб, аз фанни масоили сиёсии муносибатҳо байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ санаи 10 марти соли 2020 бо баҳои аъло, супорида шудаанд. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Шеров Шодиҷон Салуматшоевич Шаҳодатнома №714 аз санаи 18 августи соли 2020, дар бораи супроидани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Роҳбаронӣ илмӣ – Маҳмадбеков Моёншо Шодмонович, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Директори муасисаи давлатии Пажуҳишгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Искандаров Акбаршо, доктори илмҳои сиёсӣ, мудири шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Аакадемияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи “Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират” (солҳои 1991-2018) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ҷаласаи васеи шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва шӯъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: доктори илмҳои сиёсӣ Искандаров А.И., доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммад А.Н., доктори илмҳои фалсафа Саидов А.С., номзади илмҳои

сиёсӣ Юсуфҷонов Ф.М., номзади илмҳои сиёсӣ Муродов С., ходими илмӣ Шарипов М., ходими илмӣ Дороншоева Н.Ш., ходими илмӣ Саидова Ф., ходими илмӣ Маҳмадова Ф.А., ходими хурди илмӣ Мадбеков О.Н., котиби шӯъба Ғуломшоева М.А.

Шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсияи Шеров Ш.С-ро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаи зеринро пешниҳод намуд:

Диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич ба омӯзиши масъалаи муҳими муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шуда, дар заминаи таҷрибаи кории ӯ таълиф гардидааст. Аспирант моҳияти муҳоҷирати меҳнати миёни Тоҷикистону Россияро ба таври комплексӣ омӯхта, заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоию-иқтисодӣ, таърихӣ онро ошкор намудааст.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Муҳоҷирати аҳолӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат накши муҳимро мебозад. Вай ҳамчун манбаи асосии робитаҳои байнидавлатӣ дар шароити муосир буда, боиси инкишофи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва одамон, алалхусус соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мегардад.

Муҳоҷират имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил гардида, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ба тараққиёти набаробари мамлакатҳои дунё вобастаааст, ки аҳолии мамлакатҳои сустинкишофёфта рӯ ба мамлакатҳои тараққикарда мёоранд. Омилҳои асосии ин зуҳурот дар ин аст: фарқияти калони сатҳи маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ.

Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар мамлакат мушоҳида кунем, бузургтарин ҷараён ин муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои пурра таъмин намудани аҳолии

қобили меҳнат бо кор қодир нест. Пас барои истифодаи нерӯи худ аҳолии кобили меҳнат ба бозори меҳнати кишварҳо хориҷӣ рӯ меорад.

Раванди муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан дар охирҳои асри XX дар баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ гардид, ки тадриҷан дар миёни тамоми аҳолӣ паҳн шудааст. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ низ тавассути роххатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд, ки ин муҳоҷирони дохилӣ маҳсуб мегардид. Тибқи омори Хадамоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол тақрибан шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ бештар аз 600 ҳазорро ташкил медиҳад. Бино ба маълумоти омори муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба Федератсияи Россия (96%), пас аз он ба Қазоқистон (2,5%) ва боқӣ ба Қирғизистон, Украина, Белороссия, Корея, ИМА ва дигар кишварҳо. (1,5%) ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд.

Мубрамияти мавзӯъ боз дар он ифода мегардад, ки сабаби асосии тақвияти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ин сатҳи пасти музди меҳнат дар бозори дохилӣ нисбат ба бозори меҳнатии хориҷӣ мебошад. Дар ин ҷо омилҳои иқтисодӣ таъсири аввалиндараҷа доранд, чунки аз рӯйи нишондиҳандаҳои пешниҳод намудаи Бонки ҷаҳонӣ, ҳамасола муҳоҷирон ба ватани худ маблағҳои калони пулиро равона мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирон яке аз сарчашмаҳои афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, дар ҳолати ҷорӣ намудани сиёсати самараноки муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои вобаста ба таҳлили назариявии мафҳум ва моҳияти муҳоҷират баҳсталаб боқӣ мондааст. Мавҷудияти маънидодкунии гуногуни олимон муҳимияти мавзӯро тақозо менамоянд.

Масъалаи дигаре, ки имрузҳо баҳсбарангез миёни муҳаққиқон гардидааст, ин вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу

манфиатҳои муҳоҷирон мебошад. Вале ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳангоми сафарҳои хориҷии худ Сарвари давлат ба масъалаи ҳузур ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар давлатҳое, ки сафар кардаанд, диққати махсус дода, бо мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии онҳо иқдомҳои ҷиддӣ роҳандозӣ мекунанд.

Ҳамаи инҳо оид ба зарурияти тадқиқоти илмии ин зуҳурот, коркарди роҳҳои нави омӯзиш ва муайян кардани механизми амалкунандаи танзими он натанҳо дар доираи сиёсати кишвар, балки дар сатҳи байналхалқӣ шаҳодат медиҳанд.

Вазъи муосири масъалаҳои дар боло зикргардида далели нокофӣ будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, инчунин сабаби мавзӯи актуалӣ гардидани масъала мебошад.

Дар рисола нуктаҳои зерин чун навоварии илмӣ пешниҳод шудаанд, ки воқеан ҷолиб ба назар мерасанд.

**Навоварии таҳқиқоти илмӣ.** Навоварии таҳқиқоти мазкур аз ҳадаф ва вазифаҳои он бармеоянд ва ба таври мазкур мушаххас карда мешавад:

- Асосҳои назариявии рушди таҳаввулотии муҳоҷирати меҳнатӣ таҳқиқ ва асоснок карда шуд, ки дар зинаи аввали рушди назариявӣ, муҳоҷирати аҳолӣ дар доираи назарияи сиёсати нуфус (народонаселения) омӯхта шуда, сипас зина ба зина доираи масъалаҳои омӯхташаванда васеъ гардид, ки ба ташаккулёбии назарияи сиёсии муҳоҷират, оварда расонид. Зеро имруз сабаби ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб гардидани аҳолӣ, ин аз сатҳи бекорӣ дарак медиҳад. Ин ҳолат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос аст, ки гурӯҳи бузурги шаҳрвандон аз деҳот барои ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ равона мегарданд.

- Ба мафҳуми муҳоҷират таърифи махсус дода шуд, ки яъне – “Муҳоҷирати меҳнатӣ ин шакли ҷойивазкунии одамон ба хотири шароити зиндагӣ ва ба даст овардани иқтисоди мукаммал ё қонеъкунанда чӣ дар дохил ва чӣ берун аз он фаҳмида мешавад”. Бо такя ба ин тавзеҳ, метавон гуфт, ки шумораи муҳоҷирон ба маротиб афзудааст, зеро дар тавзеҳи мо шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҳам дар назар дошта шудаанд, ки дар макони будубоши худ муддати тӯлонӣ бе тағйир додани маҳалли зист ва ба таври муваққатӣ сукунат доранд ва лозим ба қайдгирӣ нестанд.

- Муайян карда шуд, ки самароникии истифода бурдани қувваҳои корӣ аз ноҳияҳои кишоварзӣ ба (дар ҳудуди иқтисоди миллӣ) шаҳрҳоро, яке аз шартҳои рушди иқтисодӣ ва омили рушди устувор дар маҷмӯъ баррасӣ карда шавад. Рафти муҳоҷирати меҳнати дар шароити бозор, дар интиҳои кор ба афзоиши камчинии қувваҳои корӣ ва инчунин ба ҳосилнокии баланди меҳнат ва афзоиши музди кор дар ҳудуди рафташуда оварда мерасонад;

- Муайян карда шудааст, ки интиқоли пулӣ на ҳамавақт рушди иқтисоди миллиро кафолат медиҳад ва сарчашмаи алтернативии рушди иқтисодии эндогении давлатҳои камдаромад шуда метавонад. Аммо онҳо ҳангоми коркарди барномаҳои давлатии муътадилгардонии макроиқтисодӣ (иқтисоди хурд) ва рушди иқтисодӣ ҳамчун сарчашмаҳои имконпазири пурзурнамоии самараи мултипликатор ва афзоиши маҷмӯи афзалият дар қисмати рушди соҳаи хизматрасонӣ ба инобат гирифта мешаванд.

- Оид ба таъсис додани марказҳои реинтегратсионӣ барои дастгирии муҳоҷирони баргашта ва бо кор таъминнамудани онҳо пешниҳодҳо карда шудаанд. Ин марказҳо метавонанд ба муҳоҷирони баргаштаи шаҳрвандони Ҷумҳури Тоҷикистон кумаки равонӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ расонанд.

- Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии давлатии раванди муҳоҷират муайян карда шудааст, ки дар худ банақшагирӣ ва ояндабинии раванди муҳоҷират, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба ширкатҳои миёнарав, ки фаъолияташон ба мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа нигаронида шудааст, ҷорӣ намудани низоми стандартии банақшагирӣ ва бақайдгирии муҳоҷирон дар хориҷа, амалигардонии омодасозии мутахасисон барои корхонаҳои муайяни давлати қабулкунанда, аз ҷумла аз ҳисоби воситаҳои молиявии онҳо бо истифодабарии иқтидори таълимӣ-истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳамаи инҳо ба ҳадафҳои таъмини сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Аз ин рӯ муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод мешавад:**

1. Яке аз масъалаҳое, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст, ва давлатҳои муосирро дар раванди ҷаҳонишавӣ халал ворид менамояд ин масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши муҳимро мебозад. Вай ҳамчун манбаи асосии робитаҳои байни давлатӣ дар шароити муосир таъсири худро мерасонад ва боиси инкишофи соҳаҳои ҳаёти одамон алалхусус иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва маданӣ мегардад. Яъне барои пешравии ҷомеа ва давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ омилҳо ба мисли муҳоҷират лозим меояд, то таъсири худро дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ бирасонад.

2. Имрузҳо масъалаи дигаре, ки миёни муҳаққиқони баҳсбарангез гардидааст, ин вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мебошад.

3. Равиши дигар ба таснифи муҳоҷират омилҳое мешаванд, ки сабаби муҳоҷират шудаанд. Ошкор кардани омилҳое, ки ба рушди равандҳои муайян таъсир мерасонанд, дар муайян кардани сиёсати ин ё он соҳа бо роҳи бартарафсозӣ ё монеасозӣ ё ташкили шароити мусоид бо

истифода аз равишҳои бевосита ё бавоситаи таъсиррасонӣ, ки натиҷаҳои манфиро ба мусбат табдил медиҳанд, нақши муҳим дорад.

4. Ҳамкориҳои Тоҷикистон дар ташкилоти гуногунсатҳи байналмилалӣ дар самти муҳоҷирати меҳнати бесобиқа буда, дар шароити бесарусомониҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ кишвар оғоз гардидааст.

5. Идоракунии муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз кишвар фаолият менамоянд, ҳам ба иқтисодиёти кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ба кишварҳои равонкунанда аз аҳамият берун нест.

6. Вобаста ба самаранокии муҳоҷирати меҳнатӣ ва фаъолиятнокии кишваре, ки сиёсати қабулнамудаи давлат ва қарорҳои қабулкардашуда дар боби муҳоҷирати меҳнатӣ вобастагӣ дорад;

Он бо татбиқи барномаҳои махсус аз тариқи чунин ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, монанди СММ, ИДМ, МБМ, маълумоти омории маҷмӯаҳо, барӯйхатгирии аҳолӣ ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони ҷаҳонии меҳнат, Созмони ҷаҳонии муҳоҷират, маводи чопӣ ва электронии ВАО, конфронсҳо ва ғайра истифода намудааст..

Дар маҷмӯъ натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, геополитика, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, сотсиология ва антропологияи сиёсӣ ва алалхусус, фанни масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия истифода шуда метавонад.

Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, стратегияи мҳуҷирати истифода намудан мумкин аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи аҳмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор додани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот фаъолона иштирок дошта, натиҷаҳои пажӯҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақриздиҳандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот бо маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияиҳо ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудааст. Натиҷахои асосии диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ ва 5 маърӯзаи муаллиф чоп гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррагардида нисбати таҳқиқоти илмӣ ҷавогӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфтаву том ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Мазмуни асосии таҳқиқот диссертатсионӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф баён гардидаанд:

1. Шеров Ш. С. «О тенденциях, факторах и последствиях внешнеи трудовой миграции». [Текст] / Ш. С. Шеров // Ахбороти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баховаддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. №3, - С. 190-196.
2. Шеров Ш. С. «Некоторые аспекты миграции населения и её современные тенденции». [Матн] / Ш. С. Шеров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. № 2. – С. 273-279.
3. Шеров Ш. С. “Хусусиятҳои раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. [Матн] / Ш. С. Шеров // Маҷаллаи идоракунии давлатии (АИДНПҶТ). Душанбе, 2020 №1 (45) (01-02) – С.120-129,

4. Шеров Ш. С. Вазъи сиёсӣ ва равандҳои муҳоҷират дар фазои давлатҳои ИДМ. [Матн] / Ш. С. Шеров // Маҷаллаи идоракунии давлати (АИДНПҶТ). Душанбе, 2020. № 3 . –С, 120-129.

Ҳамин тариқ, Шеров Ш.С., аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро пурра иҷро намудааст.

Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқоти мустақил, илман асоснокшуда дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар робитаҳои байнидавлати буда, комилан анҷомёфта мебошад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ аст.

Таҳқиқоти мазкур дар низоми илмҳои сиёсӣ мавзӯи марказӣ буда, дар таҳия ва ташаккули сиёсати муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодагардида, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич дар мавзӯи "Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират» (солҳои 1991-2018)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шӯъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи "22" сентябри 2020 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи шӯъба 11 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -11 нафар, зид- нест. бетараф – нест.

Протоколи № 15 аз 20. 10. 2020.

Мудири шӯъбаи масоили
сиёсии муносибатҳои
байналмилалии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ — Искандаров А.

Котиби шӯъбаи масоили
сиёсии муносибатҳои
байналмилалии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон — Ғуломшоева М.А.

Имзои Искандаров А. ва Ғуломшоева М.А – ро тасдиқ мекунам

Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ — Кучарова Б.